**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН ба номи АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»**

# НИЗОМНОМАИ
## ФАКУЛТЕТИ СТОМАТОЛОГӢ

**ДУШАНБЕ – 2022**

**ВАЗОРАТИ ТАНДУРУСТӢ ВА ҲИФЗИ ИҶТИМОИИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**
**МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ ТАЪЛИМИИ «ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИББИИ ТОҶИКИСТОН ба номи АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»**

**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
**Раиси Шӯрои олимони МДТ**
**«ДДТТ**
**ба номи Абӯалӣ ибни Сино»**
**д.и.т., проф. М.Қ. Гулзода**
**________________________**

**«___» ________с. 2022**

# НИЗОМНОМАИ

## ФАКУЛТЕТИ СТОМАТОЛОГӢ

**ДУШАНБЕ – 2022**

## Мундарича


1. Муқаррароти умумӣ……………………………………………..3
2. Сохтори факултет …….. …………………………….. …….. 6
3. Вазифаҳои факултет ……………………... 6
4. Роҳбарии факултет . ………………………………8
5. Ташкили Шӯрои олимони факултет ……………………… 8
6. Қатъ гардидани факултет . …………………….. 10
7. Феҳрасти ҳуҷҷатгузорӣ дар факултет. …………………… 10
8. Варақаи мувофиқа намудан ………………………… …13
9. Варақаи бақайдгирии тағйирот .......................................14
10. Варақаи шиносоӣ ………………………………………… 15

# НИЗОМНОМАИ

**факултети стоматологии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино».**

## 1. МУҚАРРОРОТИ УМУМӢ

1. Низомномаи факултети стоматологии Мауссисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» (минбаъд Низомнома) дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Стандарти давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Низомномаи намунавии муассисаи таълимии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Оинномаи «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳави таҳия шудааст.

2. Низомномаи мазкур вазъи ҳуқуқӣ, сохтор, тартиби фаъолияти факултети стоматологӣ ва муносибатҳои мутақобилаи онро бо дигар воҳидҳои сохторӣ, мақомот, ташкилот, муассисаҳо ва шаҳрвандон муайян менамояд.

3. Факултети стоматологӣ (минбаъд-факултет) ҷузъи таркибии сохтори МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» ба шумор меравад.

4. Факултет бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ бо ризоияти муассис дар мувофиқа бо Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади амалӣ намудани низоми субъектҳои раванди таълиму тарбия дар самти таҳсилоти тиббӣ, тайёр кардани мутахассисон дар зинаҳои таҳсилот ва шаклҳои гуногуни таълимӣ – рӯзона, таълимӣ-методӣ, моддию техникӣ, илмӣ, эҷодӣ, фарҳангӣ таъсис дода шудааст.

5. Факултети стоматологии МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» шахси ҳуқуқӣ буда наметавонад.

6. Таъсис, аз нав таъсис додан ва барҳам додани факултет бо қарори Шӯрои олимони донишгоҳ дар мувофиқа бо муассис ва бо ризоияти Вазорати маориф ва илм амалӣ мегардад.

7. Факултет дар доираи талаботҳои мавҷудбуда, таъсис дода шудааст.

8. Роҳбарии факултетро декан ба уҳда дорад. Декани факултетро ректори Донишгоҳ дар мувофиқа бо муассис ва ризоияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи омӯзгорони унвони илми дошта ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод менамояд.

9. Маҳдудияти сину солӣ ҳангоми тайини декани факултет тибқи муқаррароти Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

10. Фаъолияти ҳамасолаи декани факултет бо роҳи анкетагузаронӣ дар байни донишҷӯён ва кормандони он аз тарафи раёсати МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» муайян карда мешавад.

11. Вазифа ва уҳдадориҳои декани факултет мувофиқи Оинномаи Донишгоҳ ва Низомномаи мазкур муайян карда мешавад.

12. Иҷрокунандаи вазифаи декани факултет то 3 моҳ иҷозат дода мешавад.

13. Дар факултет барои амали сохтани фаъолияти таълимӣ, илмӣ, тарбиявӣ ва маъмурӣ Шӯрои олимони факултет таъсис дода мешавад.

14. Фаъолияти Шӯрои олимони факултет тибқи Низомномаи Шӯрои олимони факултети МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» ба роҳ монда мешавад.

15. Роҳбарии Шӯрои олимони факултетро декани факултет ба уҳда

дорад.

16. Барои ба роҳ мондани корҳои методӣ дар факултет Шӯрои илмӣ-методӣ таъсис дода мешавад. Роҳбари Шӯрои илмию методӣ аз ҳисоби омӯзгорон унвони илмӣ дошта дар Шӯрои олимони факултет интихоб карда мешавад.

## 2. СОХТОРИ ФАКУЛТЕТ

17. Сохтори факултет бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

18. Сохтори факултет аз садорат, шуъбаҳо, кафедраҳо, марказҳо, озмоишгоҳҳо, гурӯҳҳои академӣ, Шӯрои олимон, шӯро ва созмонҳо иборат мебошад.

19. Воҳидҳои кории факултет аз ҷониби ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

## 3. ВАЗИФАҲОИ ФАКУЛТЕТ

20. Факултет вазифаҳои зеринро иҷро мекунад:

- ташкил ва назорати раванди таълим тибқи муқаррароти амалкунанда;
- татбиқи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва баъдидипломӣ вобаста ба самт ва ихтисосҳои амалкунанда;
- татбиқи барномаҳои омодагии касбӣ ва таҳсилоти иловагӣ вобаста ба самт ва ихтисосҳои амалкунанда;

- ташкили коромӯзии илмӣ аз рӯи ихтисос дар соҳаи таҳсилоти олии касбӣ, ки ба тахассуси фаъолияти факултет мувофиқат мекунад;
- иштирок дар таъмини иҷрои корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, таҷрибавӣ, эҷодӣ;

- мусоидат ба ташкили сохторҳои инноватсионӣ дар назди кафедраҳо, факултет ва иштирок дар кори онҳо;

- ба нашр омода намудани адабиёти таълимӣ-методӣ, комплексҳои (маҷмӯаи) таълимӣ-методӣ, дастурамалҳои таълимӣ, корҳои илмӣ, монографияҳо, маводи конференсияҳо ва ғайра;
- ташкил ва баргузор намудани конференсия, семинар ва симпозиумҳо;
- ташкил ва гузаронидани чорабиниҳои таълимӣ, тарбиявӣ, илмӣ, фарҳангӣ берун аз раванди таълим;
- иҷрои корҳои дигаре, ки санадҳои меъёрии хукукии зинаи таҳсилоти олии касбӣ ва Низомномаи мазкур муайян намудааст.

21. Роҳбарияти факултет корҳои таълимӣ, таълимӣ-методӣ, илмӣ-тадкикотӣ, иҷтимоӣ-тарбиявӣ ва илмӣ-эҷодиро ба накша гирифта, назорати ташкил ва иҷрои онҳоро тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Оинномаи Донишгоҳ ва Низомномаи мазкур таъмин менамояд.

22. Дар факултети стоматологӣ татбиқи барномаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ бо истифода аз шаклҳои гуногуни таҳсил (рӯзона) ва зинаҳои таҳсилот (магистратура), барномаҳои баъд аз муассисаи таҳсилоти олии касбӣ (аспирантура, докторантура аз рӯи ихтисос, унвонҷӯйӣ, докторантура, постдокторантура) ба роҳ монда мешавад.

## 4. РОҲБАРИИ ФАКУЛТЕТ

23. Роҳбарии умумии факултет аз ҷониби Шӯрои олимони факултет амалӣ карда мешавад.

24. Ҳайати Шӯрои олимони факултет ва ворид намудани тағйирот ба он бо пешниҳоди декан аз ҷониби ректори Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад.

25. Иҷрои қарори Шӯрои олимон барои кормандони тамоми воҳидҳои сохторӣ ва донишҷӯёни факултет ҳатмӣ мебошад.

26. Декани факултетро ректори МДТ "ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино" дар мувофиқа бо Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ризоияти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷумлаи омӯзгорони таҷрибадори дорои дараҷа ва унвони илмӣ ба муддати 5 сол ба вазифа таъйин ва аз вазифа озод менамояд.

## 5. ТАШКИЛИ ШӮРОИ ОЛИМОНИ ФАКУЛТЕТ

27. Шӯрои олимони факултет мақоми идоракунӣ ба шумор рафта, намояндагии ҳайати факултетро ба уҳда дорад. Тартиби таъсисдиҳӣ, фаъолият, салоҳиятҳо ва интихоби Шӯрои олимони факултет мутобиқи Оинномаи Донишгоҳ ва Низомномаи мазкур муқаррар карда мешавад.

28. Ба ҳайати Шӯрои олимони факултет садорати факултет, мудирони кафедраҳо, омӯзгорон, созмонҳои ҷавонон, занон, Шӯроҳо ва иттифоқи касабаи кормандон дохил мешаванд.

29. Намояндагони воҳидҳои сохтории факултет ҳамон вақт аъзои Шӯрои олимон интихобгардида ҳисоб мешаванд, ки агар ба номзадии онҳо беш аз 50%-и кормандони дар маҷлиси умумии факултет иштирокдошта овоз диҳанд.

30. Фаъолияти Шӯрои олимони факултет тибқи нақшаи кории Шӯрои олимони факултет, ки барои як сол тасдиқ гардидааст, ба роҳ монда мешавад.

30. Фаъолияти Шӯрои олимони факултет тибқи нақшаи кории Шӯрои олимони факултет, ки барои як сол тасдиқ гардидааст, ба роҳ монда мешавад.

31. Шӯрои олимони факултет ҳуқуқи қабул намудани қарорро ҳангоми иштирок намудани аз 3/2 ҳиссаи аъзоён дорад. Қарори Шӯрои олимони факултет дар ҳолате қабулгардида ҳисобида мешавад, ки агар ба

тарафдории он беш аз 50%-и аъзо дар ҷаласа иштирокдошта овоз диҳанд. Қарори Шӯрои олимон пас аз гузоштани имзои декани факултет ҳукми қонунӣ пайдо мекунад.

32. Қарори Шӯрои олимони факултет бо қарори Шӯрои олимони Донишгоҳ тибқи пешниҳоди ректор ё муовини ректор оид ба таълим бекор карда мешавад.

33. Масъалаҳои аз ҷониби факултет ба Шӯрои олимони донишгоҳ пешниҳодшаванда, дар ҷаласаи Шӯрои олимони факултет мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд.

34. Дар ҷаласаҳои Шӯрои олимони факултет омӯзгорон ва дигар кормандон бо даъвати котиби Шӯро иштирок менамоянд.

35. Тартиби ташкил ва ҳуҷҷатгузории Шӯрои олимони факултет ба уҳдаи котиби Шӯро, ки бо қарори Шӯрои олимони факултет аз ҳисоби аъзоёни он интихоб мегардад, гузошта мешавад.

36. Салоҳиятҳои Шӯрои олимони факултет бо Низомномаи дахлдор, ки аз ҷониби Шӯрои олимони Донишгоҳ тасдиқ карда мешавад, муайян карда мешаванд.

37. Уҳдадорӣ, ҳуқуқ ва вазифаҳои декани факултет дар Дастурамали вазифавӣ, ки аз ҷониби Шӯрои олимони Донишгоҳ тасдиқ карда шудааст, муайян карда мешаванд.

маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам ва ё аз нав ташкил карда мешавад.

42. Дар мавриди аз нав ташкилёбӣ ва ё қатъ гардидани фаъолияти факултет мувофиқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ректори Донишгоҳ ҳуқуқу манфиатҳои ҳайати омӯзгорон ва кормандони аз вазифа озодшудаи факултет кафолат дода мешавад.

# 8. ВАРАҚАИ МУВОФИҚА

| № | Вазифа | Ному насаб | Санаи мувофиқа | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Муовини ректор оид ба корҳои таълимию методӣ | Ибодзода С.Т. | | |
| 2. | Муовини ректор оид ба илм ва нашрия | Муҳаббатзода Ҷ.Қ. | | |
| 3. | Муовини ректор оид ба корҳои муоличавӣ | Қобилов Қ.К. | | |
| 4. | Муовини ректор оид ба корҳои тарбиявӣ | Қурбонбекова П.Қ. | | |
| 5. | Котби Шӯрои олимони МДТ «ДДТТ ба номи Абӯалӣ ибни Сино» | Бабаева Л.Н. | | |
| 6. | Сардори хадамоти ректор | Носирӣ Қ.Н. | | |
| 7. | Сардори раёсати рушди кадрӣ | Абдуллозода С.М. | | |
| 8. | Директори маркази рушди стратегӣ ва менеҷмент | Маҳмудзода Х.Р. | | |
| 9. | Сардори шуъбаи назорати ҳуқуқӣ | Саидзода Ҷ.З. | | |

9. Варақаи бақайдгирии тағирот

| № | Сахифа ё рақами варақ | | | | ҳамагӣ саҳ. | Рақами қисм, зерқисм, нуқтаи стандарт, ки тағйирот ба он тааллуқ дорад | Имзои шахси тағйирот воридкарда | Санаи ворид кардани тағйирот |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Тағйирдода | Ивазкарда | Нав | Бекоркардашуда | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |
| | | | | | | | | |

10. Варақаи шиносоӣ

| № | Вазифа | Ному насаб | Сана шуносоӣ | Имзо |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Муовини декани факултети стоматологӣ | Аминов Р.С. | | |
| 2 . | Эдвайзери факултети стоматологӣ | Рахмонова М.Х. | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |
| | | | | |

**Декани факултети стоматологӣ,**
**н.и.т, дотсент** **Юлдашева У.П.**